**аз 09.04.2025, №220**

Дар бораи тасдиқ намудани «Нақшаи мукаммал барои солҳои 2025-2026, ҷиҳати пешгирӣ, бартараф ва коҳиш додани хавфҳои коррупсионие, ки аз ҷониби гурӯҳи кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар ҷараёни гузаронидани таҳили хавфҳои коррупсионии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд»

Бо мақсади таъмини иҷрои сифатноки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)», мутобиқи сархати 6, қисми 2 моддаи 162 ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи мукаммал барои солҳои 2025-2026, ҷиҳати пешгирӣ, бартараф ва коҳиш додани хавфҳои коррупсионие, ки аз ҷониби гурӯҳи кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар ҷараёни гузаронидани таҳили хавфҳои коррупсионии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд, тасдиқ карда шавад.

2. Сардорони сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва аъзоёни гурӯҳи кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсиониро зарур аст, ки иҷрои Нақшаи мукаммалро дар мухлатҳои муқаррагардида таъмин намуда, аз натиҷаи корҳои анҷомдода на дертар аз ҳафтаи дуюми моҳи декабри соли ҳисоботӣ ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод намоянд.

3. Гурӯҳи кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ минбаъд низ фаъолияти худро дар ин самт идома дода, барои аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ дар соҳа ва муқовимат намудан ба ин падидаи номатлуб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва аъзоёни гурӯҳ кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худам вогузор менамоям.

Раис Давлатзода Н.М.

Замима
ба фармоиши Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 09.04. соли 2025, №220

# НАҚШАИ

мукаммал барои солҳои 2025-2026, ҷиҳати пешгирӣ, бартараф ва коҳиш додани
хавфҳои коррупсионие, ки аз ҷониби гурӯҳи кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба
баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар ҷараёни гузаронидани таҳили хавфҳои коррупсионии
Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунанда | Масъул барои назорати иҷро |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бо мақсади пешгирӣ, бартараф ва коҳиш додани хавфҳои коррупсионӣ таҳлили мувофиқати талаботи моддаҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (моддаҳое, ки тибқи моддаи 121 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ Кумитаи андоз онҳоро баррасӣ мекунад) бо Кодекси андоз | Солҳои 2025-2026 | Раёсати такмили қонунгузории андоз, дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати такмили қонунгузории андоз |
| 2 | Гузаронидани экспертизаи зидди-коррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти андоз таҳиягардида, ҷиҳати ошкор намудани сабабу | Мунтазам | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва аз байн бурдани онҳо | | | |
| 3 | Вобаста ба пешгирии содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ сода ва осон намудани тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ | Соли 2025-2026 | Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, Сарраёсати назорати андоз | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон |
| 4 | Бо роҳи ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ паст намудани сатҳи коррупсия дар байни кормандони мақомоти андоз | Мунтазам | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ ва Ташкилоти ибтидоии «Иттифоқи касаба»-и Кумитаи андоз | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус |
| 5 | Сода гардонидани низоми ҳисоб ва пардохти андозҳо, инчунин тақвият додани рақамикунонӣ ва ҳамкории мақомоти андоз бо андозсупорандагон | Мунтазам | Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ | Аъзои гурӯҳ – сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо |
| 6 | Тавассути Маркази такмили ихтисоси Кумитаи андоз ташкил ва баргузор намудани омӯзиши «Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» ва қонунгузории зиддикоррупсионӣ дар байни кормандони мақомоти андоз | Мунтазам | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Маркази такмили ихтисос, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус |
| 7 | Дар байни кормандони мақомоти ҳудудии андоз гузаронидани семинар – машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба мазмун ва муҳтавои «Методологияи тартиб | Мунтазам | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати аудити дохилӣ, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» | | | |
| 8 | Тарғиби оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва сомонаи расмии Кумитаи андоз | Мунтазам | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, КВД "Бочу хироҷ", КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" | Аъзои гурӯҳ – сардори Раёсати таъмини ҳуқуқӣ |

Эзоҳ: Нақшаи мукаммал дар заминаи ҳисоботи гурӯҳи кории дохилиидоравии мақомоти андоз оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» таҳия шудааст.